Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 майи соли 2012 №291

# Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Низомнома, Ҳайати Комиссияи ҷумҳуриявии мусоидати барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи замимаҳои 1, 2 ва 3 тасдиқ карда шаванд.

2. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати андешидани чораҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ:

- дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ комиссияҳои барӯйхатгирии кишоварзиро таъсис диҳанд;
- нақшаҳои тарҳрезии шаҳрҳо, деҳаҳои калон ва харитаҳои ноҳияҳо, рӯйхати деҳаҳоро то 1 январи соли 2013 дар асоси маълумоти дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо тартиб дода, ба мақомоти омори маҳаллӣ пешниҳод намоянд;
- дар моҳҳои март-апрели соли 2013 ба таври озмун ҷалби мудирони шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ, дастурдиҳандагон-назоратчиён, ҳисобчиён ва бақайдгирандагонро аз ҷумлаи омӯзгорон, донишҷӯён, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва аҳолии ба кор машғулнабуда таъмин намоянд;
- дар давраи омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ба шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ ва қитъаҳои дастурдиҳӣ барои кор ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо утоқҳои хизматии дорои мебел, инвентар ва алоқаи телефонӣ пешниҳод намоянд;
- ҳангоми таҳия ва тасдиқи лоиҳаи буҷети маҳаллӣ барои соли 2013 дар моддаҳои алоҳида маблағгузории корҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзиро пешбинӣ намоянд.

3. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 25 декабри соли 2012 рӯйхати шахсони воқеӣ – соҳибони қитъаҳои замини наздиҳавлигии маҳалҳои шаҳриро дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тартиб дода, ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

4. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 феврали соли 2013 рӯйхати заминистифодабарандагонро, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, дар тақсимоти

вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ва маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти шакли истифодабарии замин тартиб дода, ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор то 1 ноябри соли 2012 Барномаи барӯйхатгирии кишоварзӣ, саволномаҳо ва дастурамалҳои пур кардани варақаҳоро таҳия намуда, то 1 январи соли 2013 ба Комиссияи ҷумҳуриявии мусоидати барӯйхатгирии кишоварзӣ пешниҳод намояд;

- дар соли 2012 дар яке аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дорои маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот мебошад, барӯйхатгирии санҷиширо гузаронад;

- дар моҳҳои май-июни соли 2013 доир ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе семинар-машварати ҷумҳуриявиро бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронад.

6. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар ҳудуди он барӯйхатгирии санҷишӣ гузаронида мешавад:

- дар асоси озмун ҷалб намудани кормандони муваққатиро барои гузаронидани барӯйхатгирии санҷишӣ таъмин намояд;

- дар давраи омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии санҷишии кишоварзӣ ба шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ ва қитъаҳои дастурдиҳӣ барои кор ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо утоқҳои хизматии дорои мебел, инвентар ва алоқаи телефонӣ пешниҳод намояд.

7. Назорати рафти иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Комиссияи ҷумҳуриявии мусоидати барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон